**“Тасдиқ мекунам”**
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.х., профессор Ғафурзода А.Д. ____________
“__07__” ____04____ соли 2023

# ХУЛОСАИ
# АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия дар мавзуи “Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ)” аз тарафи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ – Мухторов Зайнидин Мухторович доктори илми филология, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе таъйин шудааст.

Мавзуи диссертатсияи муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ Ғафорова Таҳмина Сатторовна “Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ)” зери роҳбарии доктори илми филология, профессор Мухторов Зайнидин Мухторович дар қарори ҷаласаи Шурои олимони факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28.06.2019, таҳти № 11 ва қарори ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019 таҳти №1/11 тасдиқ шудааст. Дар назди кафедра аз 5 апрели соли 2023 таҳти № 9.1. муҳокима шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Диссертатсияи илмӣ-таҳқиқотии мазкур аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар он бори нахуст масъалаи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, дар асоси "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ, ки ин то ҳол ба сифати диссертатсияи ҷудогона баррасӣ нашудааст, ва дар баробари ин бо истифода аз усулҳои тадқиқотии забоншиносӣ ин мавзуъ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Зарурати интихоби мавзуи мазкурро таваҷҷуҳи пайвастаи муаллифи диссертатсия нисбат ба таърихи ташаккул ва таҳаввули маводи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ, кам омӯхта шудани он аз нуқтаи назари забоншиносӣ муосир ва хосса, тарзи истифода ва навъҳои он, ба миён овардааст. Омӯзиши ин мавзуъ аз масъалаҳои мубрами забоншиносии замони муосир маҳсуб меёбад.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи забонҳои хориҷӣ таҳия гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳое, ки КОА-и назди Президенти ҶТ таъйид намудаанд, интишор гардидаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқ ва баррасии вижагии воситаҳои забонии тасвирии бадеӣ, қонунияти корбурди онҳо, ҳунари суханварии адиб, ифоданокии тасвир, услуби сухан, истифодабарӣ ва муҳиммияти онҳо бо назардошти муқоисаи онҳо бо муодилҳои тарҷумавӣ дар забони англисӣ, шинохт ва таснифи фарқият ва умумияти забонҳои мавриди таҳқиқ дар ин самт муаррифӣ мешавад. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ зимни таҳлилҳои забонӣ ба чанд навъ истеъмол шудаанд. Ба мисли маҷозҳо, гипотеза, тропҳо, эвфемизмҳо ва монанди инҳо. Ҳар кадоми онҳо дорои шакл ва хусусиятҳои хоси худ буда, дар асари бадеӣ ҳамчун вазифаи тасвирӣ ва маъноӣ истифода шуда, дар матн мазмуни навро дохил мекунанд. Ҳамчунин, дар тасвири ҳиссиёт, касбу кор, мавзеъҳо ва тасвири дигар ашёҳо воситаҳои забонии тасвири бадеӣ гунаҳои нодиру

нотакрорро ба вуҷуд меоранд. Зимни баррасӣ намудани ҳадафи омӯзиш татбиқи ***вазифаҳои*** зерин муайян карда шуданд:

- муайян намудани воситаҳои забонии тасвири бадеӣ бо мафҳум ва навъҳои мухталифи забонӣ;
- таҳлили воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар чаҳорчӯбаи «тасвири забони бадеӣ»;
- таҳлили морфологӣ ва синтаксисии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ;
- баррасӣ намудани воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи он дар забони англисӣ;
- тавсиф намудани вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ;
- муайян намудани бардошти адиб аз гӯишу лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар ифодаи тасвири бадеӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ;
- таҳқиқи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ҳамчун воситаи навтарини илми забоншиносӣ;
- таҳқиқи маҳорати тасвирофарӣ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ;
- таҳлили истифодабарӣ аз воситаҳои гуногуни луғавии забон дар тасвири бадеии "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ.

**Навгонии илми таҳқиқ** дар он таҷассум мешавад, ки бори нахуст воситаҳои забони тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ аз ҷиҳати маъно, ташаккул ва сохтор дар шакли мукаммал таҳқиқ гардида, дар диссертатсия тобишҳои тасвири бадеӣ, назокату латофати суханро дар асоси забони кунунии халқи тоҷик бо ҳар шаклу сохтор дар маҷмуъ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ таҳқиқ гардидаанд.

Ҳамчунин, диссертатсияи мазкур ба масъалаҳои воситаҳои забони тасвири бадеӣ дар заминаи "Ёддоштҳо" и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи он дар забони англисӣ бо назардошти вижагиҳои забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ типологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида

шудааст. Таҳқиқоти илмии мазкур воситаҳои забонии тасвири бадеиро дар забони тоҷикӣ бо муқоисаи онҳо дар забони англисӣ баррасӣ намуда метавонад заминаи устувор барои таҳқиқоти нав гардад.

**Аҳаммияти назариявии таҳкиқот** аз он иборат аст, ки мавзуи мазкур аввалин маротиба дар забоншиносии муосир мавриди омузиши мушаххас қарор гирифтааст. Таҳқиқоти мазкур асарҳои олимони ватанию хориҷӣ дар самти услубшиносӣ ва забоншиносӣ, бавижа В.В. Виноградова, Ю.М. Скребнев, Л.В. Шерба, И.Р. Галперин, В.Н. Тели, С.. Гайд, Ш.Балли, М.Н. Кожина, Г.Шоу, Ҷ.Дюбуа, Р.Барт, Д.Лакофф, М.Блэк, А.Гюберт, Н. Маъсумӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, М. Шукуров, Д. Тоҷиев, М. Қосимова, Х. Ҳусейнов, О. Қосимов, Б. Камолиддинов, М. Саломов, Ф. Турсунов, М. Мирзоева, М. Ҷӯраева ва дигарон мебошанд.

Маводи таҳқиқот 2987 воҳиди баргирифта аз “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айниро ҳамчун воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ташкил дода, вижагиҳои гуногуни забониро таҷассум менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти** мазкур дар он аст, ки натиҷаҳои ин тадқиқотро дар корҳои таҳқиқу пажуҳиш ва раванди таълими фанҳои соҳавии макотиби олӣ дар курсҳои лексионӣ, семинарҳо дар самти услубшиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ, маъношиносӣ ва луғатшиносӣ истифода менамоянд. Ҳамчунин, барои пажуҳишгароне, ки оид ба масъалаҳои марбут ба воситаҳои ифодакунандаи матнҳои бадеӣ сарукор доранд, басо муфид аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот боз дар он дида мешавад, ки натиҷагириҳои рисола барои таҳқиқи минбаъдаи воситаҳои забонии тасвири бадеии осори Садриддин Айнӣ ва инчунин дар амалия ва назарияи тарҷума ва муқоисаи он дар забони англисӣ навиштани китобу васоити таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ муфид арзёбӣ мегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб иборат буда, мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ анҷом пазируфтааст.

Хулосаҳои диссертант илмиянд ва ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон мувофик мебошад.

Диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна таҳти унвони “Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ)”, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва анҷомёфта буда, аз руйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣғтаърихӣ, қиёсӣ ва мукоисавӣ мувофиқ аст.

Кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи мазкурро кори илмии бaанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра чавобгу аст. Фишурдаи диссертатсия ва 7 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 7-тои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА-и назди Президента ҶТ интишор гардидаанд:

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### 1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. Ғафорова, Т.С. Нигоҳе ба навъи ибораҳои тасвирии осори Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ / Т.С. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2 (91). -С.75-78. ISSN 2219-5408.

[2-М]. Ғафорова, Т.С. Вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ (аз рӯи осори С. Айнӣ) / Т.С. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №3 (92). -С.84-88. ISSN 2219-5408.

[3-М]. Ғафорова, Т.С. Вижагиҳои услубӣ-лексикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ / Т.С. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (96). -С.79-83. ISSN 2219-5408.

[4-М]. Ғафорова, Т.С., Мухторов, З.М. Ҷойгоҳи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи онҳо / Т.С. Ғафорова, З.М. Мухторов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2022. – №3 (019). -С.229-234. ISSN 2076-2569.

[5-М]. Ғафорова, Т.С. Навъи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ / Т.С. Ғафорова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2022. – №4 (019). -С.270-274. ISSN 2076-2569.

[6-М]. Ғафорова, Т.С. Вижагиҳои услубӣ-лексикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ / Т.С. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. дар чоп – № 1-1 (107). -С...-... ISSN 266335534.

[7-М]. Ғафорова, Т.С. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ (аз рӯи осори Садриддин Айнӣ) / Т.С. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. дар чоп – № 1-2 (110). -С...-... ISSN 266335534.

## 2. Мақолаҳое, ки дар нашриҳои дигар чоп шудаанд:

[8–М]. Ғафорова, Т.С. Саҳми Садриддин Айнӣ дар тасвири воҳидҳои забонии тасвири бадеӣ [Матн] / Т.С. Ғафорова // "Преспективы изучения и преподования иностранных языков в

современном мире” (Сборник научных докладов академической конференции) //Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2023. – С. 89-93.

Бинобар ин, кафедраи забонҳои хориҷӣ диссертатсияи мазкурро аз руйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои дифоъ тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 16 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 16 нафар, “зид” - нест, “бетараф” - нест.

Қарори № 1/11 аз 30.08.2019.

Қарори № 9.1. аз 5.04.2023.

**Раисикунанда:**
Кармышева Бунафша Нарзуллоевна,
номзади илмҳои педагогика, дотсент
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
АИДНПҶТ

**Котиби ҷаласа:**
Саидова Гавҳар Файзалиевна
ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии
АИДНПҶТ

Имзоҳои Б.Н. Кармышева ва Г.Ф. Саидоваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ҳамидов Шохрух Бозорович

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. С. Носиров 33
Тел.: +992 (37) 224 82 80
E-mail: info@apa.tj